# КОРКАРДИ ХАРИТА

## оид ба касби «Занбуриасалпарвар»

**“Дар доираи Лоиҳаи Иттиҳоди Аврупо “Кумаки техникӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим” дар мувофиқа бо роҳбарияти вазорат 8 маркази захиравӣ ташкил гардид, ки онҳо дар нимсолаи аввали соли 2019 аз рӯи 20 барномаи пилотӣ (барои 20 ихтисос) муҷаҳҳаз хоҳанд шуд. Дар ин замина курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони фанҳои тахассусӣ ва устоҳои таълими истеҳсолии литсейҳои касбии техникӣ ва таълими калонсолон ҷараён гирифтааст”. Дар ин хусус муовини Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нурулло Маҳмадуллозода зимни маърӯзаи ҳисоботии вазорат дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ суханронӣ намуда, бахусус баргузории ҷаласаҳои Гурӯҳи кории лоиҳа, ки дар таҳияи нақшаҳо, баррасии натиҷаҳо, роҳҳои пешбурди тадбиқ ва дарёфти шаклу механизмҳои самарабахш нақши арзишманд доранд, онҳоро таври мусбат баҳогузорӣ кард. Бо ин мақсад Гурӯҳи кории лоиҳа барпо намудани семинар-тренингҳои созандаро низ, ки дар самти такмили ихтисоси омӯзгорон ва устоҳои таълимии система мавқеи асосӣ доранд, ҳамаҷониба дастгириву маблағгузорӣ менамояд.**





Бо ин мақсад дар Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» тайи 3 рӯз - аз 17 то 19 апрели соли ҷорӣ оид ба коркарди Ҷаҳорчуби касбии 1 ва 2-и «Занбуриасалпарвар» семинар-тренинг барпо гардид. Дар тренинг коршиносон - мутахассисон, омӯзандагони маъюбон, омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон иштирок карданд. Ҳадафи тренинг коркарди харитаи касби «Занбуриасалпарвар» аз рӯи методи DACUM, баланд бардоштани тахассуси омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолии системаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва маркази таълими калонсолон бо принсипҳои инклюзивии таҳсилот иборат буд.

Ин тренинг, тавре дар боло ишора рафт, бо мусоидат ба дастгирии лоиҳаи «Кумаки техникӣ ба Вазорати



меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар самти такмили ихтисоси омӯзгорони соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълим» ҷараён гирифта, ба натиҷаҳои хуб ноил шуд.

Дар ин росто, пеш аз ҳама, зикри ин нукта зарур аст, ки занбуриасалпарварӣ дар Тоҷикистон сол то сол рушд мекунад ва маҳсулоти босифат ба кишварҳои гуногуни хориҷӣ содирот карда мешавад. Асали шифобахши Тоҷикистон ба занбуриасалпарварони мо харидорони зиёде дорад. Ин далел аз он меғуяд, дар кишварамон занбуриасалпарварони ботаҷрибаи зиёде ҳастанд, ки маҳсулоташон ба дорувории табобатӣ табдил ёфтааст ва тавассути заҳмати ҳалол дар ин самт муваффақ гаштаанд. Дар ҳақиқат ҳам занбуриасалпарварӣ касби нозук аст ва он аз кас покию ҳалолкориро такозо менамояд, зеро табиати занбури асал тозакориҳоро мепарварад. Азбаски ин самт имрӯз дар ҷумҳурӣ ривоҷу равнақ гирифтааст, он ба омӯзиши ҳамаҷонибаи шогирдони муассисаҳои таълими касбӣ ниёз дорад. Ин аст, ки методу шаклҳои гуногуни он аз ҷониби ташкилотҳои байналмилалӣ коркард гашта, барои омӯзиш пешниҳод шудаанд. Яке аз чунин методҳои муносиб – коркарди Харитаи касби «Занбуриасалпарвар» ва вазифаҳои он бо методи



DACUM мебошад, ки мавриди омӯзиш қарор дорад. Семинар-тренинги баргузоркардаи Муассисаи давлатии «Маркази таълимӣ-методӣ ва мониторинги сифати таълим» ҳам комилан ба омӯзиши ҳамин методи самарбахш бахшида шуд.

Дар давоми 3 рӯзи семинар-тренинг иштирокдорони он - омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолии муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон дар ибтидо бо талаботи умумии касби «Занбуриасалпарвар» ошно гаштанд. Дар қисмати аввал ба онҳо сифати касбӣ, муносибат ва рафтори корманд роҷеъ ба касб фаҳмонида шуд. Дар ҳақиқат касби мазкур масъулият, покӣ, ҷиддият, сиҳатии комил, адолатпарварӣ, сабурӣ, меҳнатдӯстӣ, таваҷҷӯҳ, бамулоҳизагӣ ва тавоноиро мепарварад. Дар баробари ин, донишу малакаву маҳорат дар ин самт аз худ намудани як қатор илму ҳунарҳо, аз ҷумла асосҳои биологӣ, ботаникӣ, кимиёӣ, риёзӣ, ҷуғрофӣ, корҳои харротӣ, гиёҳшиносӣ, риояи муҳити зист, кумаки аввалия, қойдаҳои зидди сӯхтор ва тарзи истифодабарии ин воситаҳоро талаб дорад.

Ҳамчунин дар семинар-тренинг аз он хусус сухан рафт, ки занбуриасалпар-



вар дар сурате муваффақ гашта метавонад, ки аз воситаҳо, таҷҳизот ва ашёҳои корӣ комилан огаҳ бошад ва аз онҳо дуруст истифода бурда тавонад. Ин буд, ки дар машғулиятҳо барои пешбурди кори занбуриасалпарварӣ тамоми ашёву воситаҳои зарурӣ муҳайё гардид ва иштирокдорон таври амалӣ тарзи парваришу нигоҳубини занбури асалро омӯхтанд.

Тренер – фасилитатoрон Ислом Раҳмонов, Озар Бахтиёров ва Фаридддун Латифов аз рӯи харитаи DACUM ба иштирокдорони тренинг фаҳмонданд, ки занбуриасалпарварӣ аслан вазифаҳои зеринро фаро мегирад: риояи қойдаҳои ҳифзи меҳнат, бехатарии техникӣ, рушди малакаҳои кортаъминкунӣ, ташкили ҷараёни корӣ, нигоҳубини занбурон, ҷамъ овардани маҳсулот, муҳофизати он ва омода намудани хоҷагии занбуриасалпарварӣ ба фасли зимистон. Ҳамзамон вазифаҳои мазкур дар дохили худ анҷом додани як зумра корҳоеро такозо доранд, ки бе иҷрои босифати онҳо кас ба комёбӣ муваффақ гашта наметавонад.

Ҳамин тавр, дар семинар-тренинги серӯза коршиносон аз ҷузъитарин корҳои занбуриасалпарварӣ ҳарф зада, омӯзгорону устоҳои таълимиро бо методҳои навтарини DACUM ошно сохтанд. Умед аст, ки пас аз ин омӯзиши дақиқ омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолии литсейҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва марказҳои таълими калонсолон шогирдони худро ба роҳи дурусту оқилонаи парвариши занбуриасалпарварӣ комилан самарабахш таълим хоҳанд дод.

**Хабарнигори мо**